«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогика, профессор
_____________ Миралиzода А.М.
«____» ____________ соли 2022

**Хулосаи**
**Шӯрои олимони факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Диссертатсияи докторанти PhD Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Исуфов Шердил Ватанович соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси «таърих ва ҳуқуқ» хатм кардааст. Соли 2018 зинаи магистратура ва соли 2021 зинаи докторантураи PhD-и донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси 6D020300 таърих хатм намуда, ҳоло ба ҳайси саромӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷик фаъолият менамояд.

Мавзуи рисолаи докторанти PhD Исуфов Шердил Ватанович бо унвонии «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» зери роҳбарии Сайнаков Сайнак Парпишоевич, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тибқи қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30. 04. 2019, протоколи №9 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи илмии Исуфов Ш.В. дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои

байналмилалӣ аз 21-уми апрели соли 2021, протоколи №9 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳӣ ба иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» дар шароити муосир мавзуи рӯзмарра буда, бо забони хуби илмӣ навишта шудааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** таҳлилу баррасии вазъи соҳаи кишоварзии вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравнд:** Масъалаи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бори аввал дар илми таърихи ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, илман асоснок гардидааст. Бандҳои алоҳидаи нановарии илмии таҳқиқот дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:

- бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар алоҳидагӣ таҳқиқ карда шудааст;

- чорабиниҳои давлатӣ оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб таҳқиқ карда шудааст;

- вазъи масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ нишон дода шудааст;

- муборизаю ҷонфидоии меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа инъикос гардидааст;

- нақш ва корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон дода шудааст;

- рушди ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайян карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад. Дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия: иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъ ва коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона фаъолият намудааст. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф вазъи соҳаи кишоварзии вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) асоснок карда шудааст.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқот** метавонанд мустақиман ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ барои таҳқиқотҳои соҳаи таърих истифода шаванд. Ҳамзамон, рисолаи мазкур ҳамчун маводи дарсӣ омӯзиши таърихи соҳаи кишоварзӣ ва саҳми меҳнаткашонро дар солҳои 1941-1945 самаранок намуда, дурнамои рушди ин соҳаро бо истифода аз таҷрибаи таърихӣ пешбинӣ мекунад.

**Усулҳои таҳқиқот**. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ, таърихӣ, илмӣ, таҳлилию қиёсӣ истифода шудаанд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо оид ба хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба таври амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқот сурат гирифтааст.

**Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқат мекунад.

Муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮЪ:

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:**

[1-М]. **Исуфов Ш.В.** Аз таърихи сохтмони колхозӣ дар вилояти Кӯлоб (солҳои 1930-1940) [Матн] / В.Ш. Исуфов //Муаррих , 2019. - №3(19), - С. 35-41. ISSN 2789294-8.

[2-М]. **Исуфов Ш.В.** Ҳаёт ва фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] / В.Ш. Исуфов //Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - Душанбе: Дониш, 2019. - №4 (008), - С. 27-32. ISSN 0002-0000

[3-М]. Абдуллоев М.Х., **Исуфов Ш.В.** Маорифи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] / М.Х. Абдуллоев, В.Ш. Исуфов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - №3. - С. 59-63. ISSN 2074-1847.

[4-М]. Мотревич В. П., **Исуфов Ш.В.** Саҳми хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] / В.П. Мотревич, В.Ш. Исуфов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - №9. - С. 138-141. ISSN 2074-1847.

[5-М]. **Исуфов Ш.В.** Соҳаи чорводории вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] / В.Ш. Исуфов //Муаррих, 2022. - №1(29), - С. 32-38. ISSN 2709-7382.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[6-М]. **Исуфов Ш.В.** Омӯзиши таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ – омили тарбияи насли созанда дар рӯҳияи ватандӯстиву фидокорӣ (дар мисоли қаҳрамонии меҳнаткашони вилояти Кӯлоб) [Матн] / В.Ш. Исуфов //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии "Дурнамои рушди илм ва маориф". Душанбе: 27-28 ноября 2019. С. 423-425.

[7-М]. **Исуфов Ш.В.** Машинно-тракторные станции Кулябской области в годы Великой Отечественной войны [Текст] / В.Ш. Исуфов //Урал индустриальный. Бакунинские чтения: материалы XIV Всероссийской научной конференции. Екатеринбург, 16–17 ноября 2020 г. ; в 2 т. Т. 1. – Екатеринбург: ООО Изд-во УМЦ УПИ, 2020. – С.564-567. ISBN 978-5-8295-0731-2

[8-М]. **Исуфов Ш.В.** Вазъи омодакунии мутахассисони соҳаи хоҷаги қишлоқ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (дар мисоли вилояти Кӯлоб) [Матн] / В.Ш. Исуфов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ», - Кӯлоб, 2020. - С.39-40.

[9-М]. **Исуфов Ш. В.** Вклад тружеников Кулябской области в Фонд обороны в годы Великой Отечественной войны [Текст] / В.Ш. Исуфов //Труд во имя Победы: трудовые ресурсы и экономика Урала и Центральной Азии в годы Великой Отечественной войны : сб. науч. ст. / редкол.: Н. А. Антипин, И. В. Сибиряков. - Челябинск: Издательский центр ЮУрГУ, 2021. - С. 491-494. ISBN 978-5-696-05193-2

[10-М]. Сайнаков С.П., **Исуфов Ш.В**. Состояние сельского хозяйства Кулябской области в 1942 г. по данным архивного материала //Великая Отечественная война в истории и памяти народов Юга России: события, участники, символы:материалы II Всероссийской научной конференции, приуроченной к 80-летию начала Великой Отечественной войны (Ростов-на-Дону, 23–24 сентября 2021 г.) / [отв. ред. акад. Г.Г. Матишов]. – В 2 ч. Ч. 2. – Ростов н/Д.: Изд-во ЮНЦ РАН, 2021. – 428 с. С.31-38.ISBN 978-5-4358-0216-0

[11-М]. **Исуфов Ш.В.** Решение проблемаы сельских кадров в Кулябской области Таджикской ССР в годы Великой Отечественной войны [Текст] / В.Ш. Исуфов //Государственная власть и крестьиянство в XIX-начале XXI века, сборник статей / отв.ред.и сост.

В.В. Кондрашин., А.И. Шевельков. - Москва: Центр экономической истории ИРИ РАН, 2021. - С.273-276. ISBN 978-5-6046-4324-2

[12-М]. Кошкина О.А., **Исуфов Ш.В.** Крестьянство Марийской АССР РСФСР и Кулябской области Таджикской ССР в годы Великой Отечественной войны (сравнительный анализ) [Текст] / О. А. Кошкина, В. Ш. Исуфов //Регионы России в военной истории страны. Выпуск III: сборник материалов III Всероссийской (с международным участием) научно-практической конференции, г. Йошкар-Ола, 17–18 ноября 2021 года / ред.-сост. О.А. Кошкина, Е.П. Кузьмин. – Йошкар-Ола: МарНИИЯЛИ, 2022. –С. 260-268. ISBN 978-5-94950-111-5

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи докторанти PhD-и кафедраи таърихи халқи тоҷик Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-

035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 24.01.2022, протоколи №6 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 16 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Протоколи № 6, аз 24.01.2022.

Раиси Шӯрои олимони факултет:
номзади илмҳои сиёсӣ: Ҳусайнзода А.Б.

Муқарриз: Сардори Раёсати илм ва инноватсияи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.т., дотсент: Карамалишоев К. Н.

Муқарриз: мудири кафедраи таърих ва методикаи
таълими таърихиДонишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктор PhD, аз рӯи ихтисоси таърих: Холмуродзода М.Б.

Котиби илмии Шӯрои олимони факултет: Назаров Б.Ҳ.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tj

«Имзои Ҳусайнзода А.Б., Назаров Б.Ҳ., ва Холмуродзода М.Б.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»: Амиров Ф.А.

«Имзои н.и.т., дотсент Карамалишоев К. Н.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бобозода О. О.

26.01.2022